**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Кармингӣ ва Садриддин Айнӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00. – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ).**

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Кармингӣ ва Садриддин Айнӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) таълиф гардида, фарогири натиҷаи таҳқиқи пажуҳишгар оид ба масъалаҳои таҳлили муқоисавии осори адибони тоҷик дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ (садаҳои XVIII ва XX) мебошад.

Муайян кардани вижагиҳои дастурӣ ва забонии осори бадеӣ, илмӣ ва таърихӣ ва муқоисаи махсусиятҳои сарфии онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, барои мушаххас кардани бархе аз роҳҳои рушди забони адабӣ ва равишҳои густариши он хеле мубрам буда, аҳаммияти илмиву амалӣ дорад. Бинобар ин, мавзуи мазкур мавриди таҳқиқи диссертант қарор гирифта, аз мубрам будани он шаҳодат медиҳад, зеро таҳқиқи қиёсии вежагиҳои сарфии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Кармингӣ ва Садриддин Айнӣ) яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир ба шумор меравад.

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович фарогири яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносии тоҷик мебошад. Омӯзиши муқоисавии осори гузаштагон дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аҳаммияти бузурги илмӣ барои омӯзиши забоншиносии муосир дорад. Чунки бе пажуҳиши муфассал ва мукаммали осори илмиву адабӣ ва таърихӣ, таҳияи дастури таърихӣ ва илмии забонро ғайри имкон мегардонад.

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович бо ихтисосҳои илмии интихобнамудаи муаллиф комилан мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00 –Забоншиносӣ (10.02.20– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мувофиқат мекунад.

Пажуҳиши илмии дисертант натиҷаи таҳқиқи манбаъҳои гуногуни илмӣ ва таҳлилу баррасии маводи марбут ба вижагиҳои осори забонии адибон ва таърихнигорон бо дарназардошти тарзу усулҳои чунин намуди таҳлил мустақиман аз тарафи муҳаққиқ гузаронида шудааст. Ҳамзамон, аз тарафи муаллиф омӯзишу таҳқиқи нигоштаҳои донишмандони ватанию хориҷӣ оид ба вижагиҳои забонии осори адибон дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу пажуҳиш қарор дода шудааст.

Нововарии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар забоншиносии тоҷик бори аввал таҳлили қиёсии вижагиҳои сарфии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ) батафсил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия вижагиҳои сарфии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори даврони қиёсшаванда ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Дар он бархе аз хусусиятҳои хосии ҳиссаҳои номии нутқ аз нигоҳи сохту услуб ва аз нуқтаи назари истифода дар забони тоҷикии даврaҳои муқоисашаванда муайян шуда, мақому вазифаҳои онҳо дар омӯзиши унсурҳои дастурӣ ва сохтору маъно мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Арзиши назарии ва амалии рисолаи илмӣ дар он дида мешавад, ки дар диссертатсия масъалаҳои унсурҳои дастурии исм, аз ҷумла категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумора, хусусиятҳои дастурии исмҳои сохта, дараҷаҳои сифат, махсусиятҳои дастурии сифатҳои сохта ва дараҷаи

корбурди баъзе вандгунаҳо, таҳлили қиёсии шумораҳо ва баъзе ҷонишинҳо дар забони осори давраҳои муқоисашаванда, натиҷагирӣ ва асоснок шудааст.

Инчунин дар ҷараёни баррасии масъалаи мавриди пажуҳиш як силсила ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии дисертатсия бо такя ба афкору назари забоншиносони ватанию хориҷӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои таҳқиқ дар таълими дастури забони тоҷикӣ, курсҳои махсуси лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ истифода хоҳад шуд.

Диссертатсия аз се боб иборат аст.

**Боби якуми дисертатсия – «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX»** аз ду фасл иборат буда, дар он роҷеъ ба омӯзиши масъалаҳои исм, категорияҳои дастурии он ва хусусиятҳои сарфии исмҳои сохта маълумот дода шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони **«Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII-XX»** дар се фасли он категорияи дараҷа дар сифат, вижагиҳои морфологии сифатҳои сохта ва дараҷаи корбурди вандгунаҳо таҳқиқ мешавад.

**Боби сеюми диссертатсия** «**Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX**» номгузорӣ шуда, он аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб асосан оид ба қиёсу баррасии хусусиятҳои дастурии шумора, нумеративҳову воҳидҳои шумор ва ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ таҳқиқ анҷом гирифта, баъзе вежагиҳои бориз ва фарққунандаи ҳиссаҳои номии нутқи номбурда мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқро ҷамъбаст намуда, дар он миқёс ва самтҳои асосии таҳқиқот нишон дода шудааст. Аз он бар меояд, ки дар ҳақиқат, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар пеши худ гузоштаро бо муваффақият ҳал намудааст. Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар 18 банди хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқотро аз ҷиҳати илмӣ ва мушаххас ҷамъбаст

намудааст, ки мазмун ва мухтавои ҳар банд ифодагари фаслу зерфаслҳои диссертатсия мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои муҳимми илмӣ дар рисола ва фишурдаи он як силсила нуқсону камбудиҳо дида шуд, ки бархе аз онҳоро барои ислоҳи оянда зикр мекунем:

1. Номи рисола «Таҳлили қиёсии вижагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII-XX» (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ) аст. Дар он «вежагиҳои морфологӣ» омадааст. Барои саҳм гузоштан дар миллӣ кардани истилоҳоти забоншиносии тоҷик беҳтар мебуд дар ин бахш «морфологӣ» ба «сарфӣ» иваз шавад. Ҳарчанд вожаҳои «сарф» (морфология) ва сарфӣ (морфологӣ) дар рисола дида шуд, вале онҳо хеле ба нудрат истифода шудаанд.

2. Дар рисола маводи назарӣ оид ба усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ камтар дида шуд. Бисёре аз масъалаҳои назарии дастурӣ дар аввали бобҳову бандҳо омадааст, вале дар бораи усулҳои муқоисавӣ дар рисола андак-андак ва ҷо-ҷо дар сохтори рисола дида шуд.

3. Рисоланавис дар боби таҳқиқу пажуҳиши мавзуъ маводди зиёде аз олимону донишмандоне, ки оид ба мавзуи таҳқиқи хусусиятҳои сарфӣ дар осори адибону донишмандон овардааст, вале дар ин бора бо онҳо баҳс накарда, ақидаву фикрҳои шахсии худро баён накардааст. Аз ҷумла,оид ба ифодаи «предметҳои ҷондор» (с.8) дар рисола муаллиф бояд иқтибосро ислоҳ карда назари худро баён мекард.

4. Хулосаи ҳар боб дар фишурда ба тариқи банди алоҳида (дар фишурдаи русӣ-параграф) оварда шудааст, ки ба андешаи банда зиёдатӣ ба назар мерасад.

5. Забони тоҷикии рисола ва фишурдаи он хуб ва илмист, вале истифодаи истилоҳҳои русиву аврупоӣ, ки дар забони тоҷикӣ баробарниҳодаҳои худро доранд ва имрӯз ба таври васеъ дар забони илмии тоҷикӣ истифода мешаванд, ҳарчанд камтар бошанд ҳам дида мешавад. Аз

қабили морфология – сарф (с.3…),алломорф – қарина (с.11…), суффикс – пасванд, предмет-ашё (с.8), грамматика – дастур (с.480 ва ғайра. Инчунин вожаҳои иқтибосии артикл (с.16…), морфема (с.1..), омонимӣ, синонимӣ, антонимӣ (с.125), предметӣ, морфологӣ, грамматикӣ (с.125, 126,129,131) агар ба тарҷумаи тоҷикӣ пешниҳод мешуданд, забони рисола ва фишурдаи тоҷикии он хеле беҳтар мешуд.

6. Дар рисола, фишурдаҳои тоҷикӣ ва русии он баъзе иштибоҳҳои техникӣ (с. 6,30,31,33,36,38…), имлоӣ (аҳамият-аҳаммият (с.6), тӯқуз – туқуз (119, 120, 121), мумонаъат – мумонаат (с.86), тӯқсабо (с.91) вомехӯрад. Баъзе ноҳамгунӣ ва тарҷумаҳои нодуруст низ дида мешавад. Аз ҷумла, «различные этапы системы развития истории литературного таджикского языка» (с.31), «в языке произведений древности… (с.37), «рӯзгорон-обыватели» (с.38), «сатинҳои бадошт – стойкий сатин» (с.44) (шояд «прочный сатин»), «маорики ҳавлнок – дворяне» (с.45), ҳодисаи саҳмнок – соответствующее событие» (с.45).

**Пешниҳодҳо**

1. Хуб мешуд, агар муаллиф фарҳанги соҳавӣ, яъне “Фарҳанги «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Карминагӣ”-ро омода намояд, зеро дар забоншиносии тоҷик омӯхтану баррасии вежагиҳои сарфиии ин асари таърихӣ (а.XVIII) яке аз пажуҳишҳои нахустин ба ҳисоб меравад.
2. Ҳар чи тезтар интишор шудани рисола дар шакли монографияи илмӣ зарур ва самарабахш мешуморем.

Новобаста аз ин, нуқсону камбудиҳои ҷойдошта, қиммати илмиву амалии диссертатсияро кам намекунад. Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович таҳқиқи илмии ҷамъбастшуда мебошад, ки дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст. Натиҷа ва хулосаву пешноҳодҳои муаллиф боваринок, хулоса ва тавсияҳои манзургардида асоснок мебошанд.

Дар диссертатсияи таҳиякардаи муаллиф адабиёти зиёди илмӣ, методию таълимӣ ва фарҳангҳои гуногуни тафсирӣ истифода шудаанд. Инчунин дар диссертатсия аз усули оморӣ хеле васеъ истифода шудааст, ки

қиммати илмии рисоларо афзун кардааст. Аз тарафи дигар дар рисола намудорҳои қиёсии зиёде дида мешавад. Рисола дорои замимаҳои таҳлили қиёсии мавзуи илмӣ мебошад, ки дар онҳо бо истифода аз усули қиёсӣ вижагиҳои хоси сарфии асарҳои мавриди муқоиса нишон дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар корҳои чопии интишорёфтаи диссертант инъикос ёфта, онҳо дар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ, байналмилалӣ ва маҷаллаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Диссертант оид ба рисолаи таҳқиқотӣ 10 мақола чоп намудааст, ки ҳамаи онҳо ба маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда мансуб мебошанд. Инчунин дар дигар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ 10 мақола ба нашр расондааст.

Автореферати диссертатсияи номзадии Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович ва мақолаҳои нашршудаи вай мазмуну муҳтавои пажуҳишро пурра ифода мекунанд.

Хулоса, вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ таҳқиқоти пурра анҷомёфта ҳисоб шуда, дар омӯзиши масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ-таърихии вежагиҳои ҳиссаҳои нутқ дар забони тоҷикӣ саҳми назаррас дорад ва ҳар чи зудтар чоп шудани он дар шакли монография тавсия мешавад.

Диссертатсия аз рӯйи мубрамият ва сатҳу савияи худ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,

ҷавобгӯй аст. Вобаста ба дараҷаи таҳқиқу баррасӣ ва хулосабарорию натиҷагириҳо дар диссертатсия муаллифи он Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, Узви вобастаи АМИТ, доктори илми филология, профессор Назарзода Сайфиддин

**Нишонӣ**: ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
кучаи Мирзо Турсунзода, х. 118
Тел: (+992) 985624444

Имзои Назарзода С.-ро тасдиқ мекунам
Нозири кадрҳои Институи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳилола

11- ноябри 2022